# МАЪРӮЗА
# «ДАР БОРАИ ҶАМЪБАСТИ ФАЪОЛИЯТИ МАҚОМОТИ ОМОРИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СЕМОҲАИ ЯКУМИ СОЛИ 2018 ВА ИҶРОИ ВАЗИФАҲО ТО АНҶОМИ СОЛИ 2018»

Дар ин айёми фасли Баҳор бо рӯҳбаландии бошукуҳи Наврӯзи байналмилалӣ ва эълон гардидани соли 2018 “Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қувваю нерӯи тоза Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2017, фармонҳо, супоришҳо, дастурҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои омор ва барномаю нақшаҳои иқтисодию иҷтимоиро сармашқи кори худ қарор дода, маҷмӯи тадбирҳои ҳадафнокро роҳандозӣ намуда, дар семоҳаи якуми соли 2018 ба як қатор нишондиҳандаҳои назаррас ноил гардид.

Барномаи тасдиққардаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи корҳои оморӣ барои соли 2018” ва вазифаҳои дар назди мақомот дар семоҳаи якуми соли 2018 гузошташударо пурра иҷро гардиданд.

Дар Агентии омор вобаста ба иҷрои вазифаҳои бандҳои дахлдори нақшаи чорабиниҳои Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон машварати корӣ баргузор гардида, омӯзиши он ташкил, нақша чорабиниҳои дахлдор таҳия ва тасдиқ карда шуданд. Мақомоти омори давлатӣ баҳри дар амал татбиқ намудани вазифаҳои дар Паёми имсола ироа гардида, тибқи нақша чорабиниҳои таҳиягардида, чораҳои муассирро роҳандозӣ намуда истодааст.

Дар семоҳаи якуми соли 2018 аз ҷониби мақомоти омор иҷрои маҷмӯи вазифаҳое амалӣ гардид, ки ҷараёни ҷамъоварӣ, коркарди маълумоти оморӣ, фаро гирифтани мушоҳидаҳои омории субъектҳои хоҷагидор бо истифода аз усулҳои пешқадами интихобии мушоҳидаҳои оморӣ, таҳқиқотҳои интихобӣ ва дар амалия ба таври васеъ истифода намудани методологияи асоснок оид ба ҷамъоварии нишондиҳандаҳои оморӣ ва ҳисобу китоби он, инчунин ба амал баровардани назорат нисбат ба шаффофияти нишондиҳандаҳои оморӣ бо истифодаи технологияи муосири иттилоотиро дар бар мегирад.

Дар семоҳаи якуми соли 2018 дар маҷмуъ 3,1 ҳазор корҳои оморӣ иҷро карда шуданд, ки таъмини иҷрои корҳои дар ин давра банақшагирифташударо ташкил медиҳад. Ғайр аз ин, тибқи Барномаи корҳои оморӣ дар семоҳаи якуми соли 2018 таҳқиқотҳои омории интихобии “Бозорҳои фурӯши чорво ва автомобил, нуқтаҳои фурӯши сӯзишвории мошин ва маводи сӯхту равғанҳои молиданӣ, мағозаҳо, қаҳвахонаҳо, тарабхонаҳо, ошхонаҳо, дорухонаҳо” аз рӯи ҳамаи шаклҳои моликият, таҳқиқоти “нархи фурӯши маҳсулотҳо дар бозорҳо”, таҳқиқоти “буҷети хоҷагии хонавода”, таҳқиқоти интихобии “хоҷагиҳои аҳолӣ дар соҳаҳои растанипарварӣ ва чорводорӣ” ва баҳисобгирии сартосарии саршумори чорво гузаронида шуд.

Илова ба ин дар семоҳаи аввали соли ҷорӣ се вохурии гурӯҳи техникии Таҳқиқоти Тиббӣ-Демографии Тоҷикистон бо иштироки коршиносони Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Тоҷикистон ва Агентии омор бо мақсади муҳокима ва баррасии натиҷаҳои ТТДТ гузаронида шуд, ки баъд аз хулосаи гурӯҳои техникӣ натиҷаҳои аввали Таҳқиқоти Тиббӣ-Демографии Тоҷикистон 2017 дар «Гузориш оид ба нишондиҳандаҳои калидии ТТДТ/2017» ҷамъбаст ва нашр карда шуд.

Дар доираи ТТДТ/2017 дар марҳилаи аввал иттиллоот оид ба таваллуд ва истифодаи усулҳои пешгирии ҳомиладорӣ, солимии занон ва кӯдакон, ғизои занон ва кӯдакон, фавти кӯдакони навзод ва кӯдакони синни то 5 сола, бохабар будан аз масъалаҳои вобаста ба вируси норасоии масунияти одам ва дигар бемориҳои бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда, ҳамчунин дигар нишондиҳандаҳои вобаста ба солимии аҳолӣ ҷамъбаст ва таҳия карда шуд, ки гузориши мазкур дар сомонаи расмии Агентии омор барои ҳамаи истифодабарандагони маълумотҳои оморӣ ҷойгир карда шуд.

Ҳамзамон, дар ин давра натиҷаи таҳқиқоти якваќтаинаи интихобӣ «Оид ба истифодабарии захираҳои энергетикӣ» барои таҳияи Тавозуни энергетикию сӯзишворӣ, ки дар доираи Лоиҳаи грантии «Стратегияи миллии рушди омор ECASTAT» гузаронида шуда буд, пурра ҷамъбаст карда шуд. Бо мақсади баровардани натиҷаи таҳқиқот ба маҷмӯи умумӣ ва омода намудани ҷадвалҳои барориши, дар доираи Лоиҳаи Стратегияи миллии рушди омор коршиноси байналмилалӣ аз Ҷумҳурии Молдова ташриф оварда, дар ҳамкорӣ бо коршинос коэффитсиентҳои вазнҳои қиёсӣ ва ҷадвалҳои барориши омода карда шуданд. Айни замон натиҷаи таҳқиқот дар шакли ҳисоботи таҳлилӣ бо забони русӣ таҳия шуда, барои баррасӣ ба коршиноси байналмилӣ пешниҳод гардид.

Ҳамзамон дар ин давра ҳисоботи ниҳоии таҳқиқоти «Васеъ намудани ҳуқуқ ва имкониятҳои занон дар соҳаи кишоварзӣ» таҳия гардида ба коршиносони байналмилалии Барномаи озуқа ва кишоварзии Созмони Милали Муттаҳид пешниҳод карда шуд.

Тазаккур бояд дод, ки Ташкилоти озуқа ва кишоварзии СММ бо мақсади омӯзиши ҳолати ҷорӣ дар мамлакатҳои ҷудогона, дар доираи гранти Бонки умумиҷаҳонӣ дар кишварҳои санҷишӣ (пилотӣ): Сенегал, Непал ва Тоҷикистон гузаронидани таҳқиқоти «Васеъ намудани ҳуқуқ ва имкониятҳои занон дар соҳаи кишоварзӣ»-ро дар доираи ваколат ва салоҳияти худ ба нақша гирифта буд, ки яке аз самтҳои асосии ин ӯҳдадорӣ дарёфти нишондиҳандаҳо вобаста ба Ҳадафи 2-юми Ҳадафҳои рушди устувор ба барҳам додани гуруснагӣ, амнияти озуқаворӣ ва беҳтар намудани ғизо ва мусоидат ба рушди устувори кишоварзӣ равона шудааст. Самти дигар ба таъмини баробарии васеъ намудани ҳуқуқ ва имкониятҳои занону духтарон, ки ҳадафи 5-уми Ҳадафҳои рушди устувор ба ҳисоб меравад равона гардидааст.

Қайд кардан ба маврид аст, ки омӯзишӣ вазъи занон, васеъ намудани ҳуқуқ ва имкониятҳои онҳо дар барномаҳои давлатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мунтазам дохил шуда, дар мадди аввал гузошта мешаванд.

Бояд қайд намуд, ки мақомоти омори Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пайгирии равандҳои тағирёбандаи рушди иқтисодиёт дар бахшҳои мухталифи ҷомеа пешниҳод намудани иттилооти боварииноку эътимоднокро зарур мешуморад.

Дар стратегияи дарозмуҳлати мақомоти омор махсусан масоили азнавкунонии методологияи оморӣ мутобиқ ба меъёрҳои байналмилалӣ ва ҷорӣ намудани механизми автоматикунонии иҷрои корҳо, гузаронидани мониторинги вазъи воқеии макроиқтисодӣ, ҷорӣ намудани таснифотҳои омори байналмилалӣ ҳангоми муайян намудани нишондиҳандаҳои системаи омори миллӣ ва усулҳои ташаккули онҳо ва дигар мақсадҳои системаи умумии паҳн намудани маълумоти оморӣ пешбинӣ гардидаанд.

Маҳз бо мақсади таъмини мукаммалии ҳисоботҳои оморӣ ва ҳамоҳангсозии маълумотҳои оморӣ бо меъёрҳои байналмилӣ шуруъ аз моҳи январи соли ҷорӣ ҳисоботҳои омории соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ба талаботи Таснифоти умумии намуди фаъолияти иқтисодии тафсири – 2 -юм (ТУНФИ-2) мутобиқ карда шуд.

Инчунин аз моҳи январи соли ҷорӣ дар соҳаи савдо баҳисобгирии савдои яклухт ва дар соҳаи хизматрасонӣ

баҳисбогирии хизматрасонии шахсони ҳуқуқӣ ҷорӣ карда шуд, ки ин фарогири пурраи ҳисоботҳои омориро инъикос менамояд.

Агентии омор ҷиҳати иҷрои банди 52. Нусха аз Протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 январи соли 2018, №1 ва супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 феврали соли 2018, №25-6/43 бо мақсади арзёбии нишондиҳандаи воқеии аҳолии қобили меҳнат ва бо шуғл фаро гирифтани шаҳрвандони тамоми минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби мутахассисони Агентии омор саволнома ва дастурамалӣ тартиби гузаронидани пурсиши сартосарии хонаводаҳо оид ба вазъи шуғли ҳар як аъзои хонаводаи синни 15-75 сола таҳия гардида ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои мувофиқа пешниҳод карда шуд. Баъди гирифтани хулосаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Агентии омор дар мувофиқа бо Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон саволнома ва дастурамалӣ таҳиягардидаро тасдиқ намуданд.

Бо мақсади гузаронидани пурсиши сартосарии аҳолӣ дар тамоми минтақаҳои кишвар аз ҷониби мутахассисони Агентии омор дар якҷоягӣ бо намояндагони Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ зиёда аз 1000 нафар намояндагони мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо, мақомотҳои худидоракунии шаҳрак ва деҳот, намояндагони хоҷагии манзилию коммуналӣ дар асоси дастур ва саволномаҳои тасдиқгардида, семинар машварати омӯзишӣ гузаронида шуд.

Баъди анҷом додани омӯзишҳо аз санаи 10 март то 11 апрели соли 2018 дар тамоми минтақаҳои кишвар корҳои саҳроии пурсиши сартосарии аҳолӣ оид ба вазъи шуғлнокии аҳолии синни 15-75 сола гузаронида шуд.

Айни замон корҳои ҷамъоварӣ ва ҷамъбасти натиҷаҳои пурсиши сартосарии аҳолии синни 15-75 сола оид ба вазъи шуғлнокӣ идома дорад.

Агентии омор бо мақсади таъмин намудани мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот бо дафтарҳои баҳисобгирии хоҷагӣ ва баҳисобгирии пурраи маълумот оид ба аҳолие, ки дар маҳалҳои аҳолинишини деҳот зиндагӣ мекунанд оид ба хоҷагии онҳо, ҳисоби саршумори чорво, замини наздиҳавлигӣ, замини хоҷагии иловагии ёрирасони шахсӣ ва фонди манзил, лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таъмин намудани мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот бо китобҳои баҳисобгирии хоҷагӣ барои солҳои 2018-2022”-ро омода намуда, бо 13 вазорату идораҳои

калидӣ мавриди баррасӣ ва мувофиқа қарор дод. Баъд аз гирифтани хулосаи вазорату идораҳо ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баррасӣ ва тасдиқ пешниҳод намуд.

То ин замон дафтарҳои баҳисобгирии хоҷагиҳои аҳолӣ барои солҳои 2018-2022 нашр гардида, аз руи талабот ба воситаи мақомоти омори маҳаллӣ барои мавриди корбарӣ қарор додан ба мақомотҳои худидоракунии деҳоти минтақаҳои ҷумҳурӣ дастрас гардида истодааст.

Гузариш ба ҳисоботи электронии оморӣ тақозои замон буда, дар доираи татбиқи Лоиҳаи «Стратегияи миллии рушди омор», айни замон ҳисоботҳои омории моҳонаи соҳавӣ аз ҷумла ҳисоботҳо оид ба меҳнат ва ҳаракати қувваи корӣ, ҳисоботи соҳаҳои саноат, савдо ва хизматрасонӣ, сохтмон, нақлиёт, молия, ҳисоботи солонаи хоҷагиҳои деҳқонӣ ва актуаликунонии варақаи регистри оморӣ бо усули электронӣ ба роҳ монда шуданд ва дар самти пешниҳоди ҳисоботи электронии дигар соҳаҳо низ иҷрои корҳо идома доранд.

Дар ин самт дар сомонаи Агентӣ барномаи "Ҳуҷраи шахсии ҳисоботсупоранда" кушода шуда, дар сервери марказии Агентии омор насб карда шуд. Инчунин барои гирифтани маълумоти ҷамъбасти ҷадвалҳои баромад тайёр карда шуданд. Вобаста ба гузариш ба ҳисоботҳои омории электронӣ семинарҳои омӯзишии минтақавӣ дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо гузаронида шуданд.

Қадами минбаъда дар ин ҷода роҳандозии дафтари электронии хоҷагии хонавода дар мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот мебошад. Бояд зикр намуд, ки мақомоти омор барои амалӣ намудани ин чорабинӣ шаҳри Нораки вилояти Хатлон ва ноҳияи Зафарободи вилояти Суғдро ҳамчун минтақаи таҷрибавӣ интихоб намуда, барномаи махсусро барои дохил намудани маълумоти дафтари хоҷагӣ таҳия намуд. Бо мақсади ҷорӣ намудани дафтари электронии хоҷагии хонавода дар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Зафарободи вилояти Суғд ва шаҳри Нораки вилояти Хатлон бо иштироки котибон ва шахсони масъули мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот семинари омӯзишӣ доир гардид. Ба таври иловагӣ дар шаҳру ноҳияҳои Б.Ғафуров, Спитамен, Ҷ.Расулов, Восеъ, Кӯлоб, Ҷ.Балхӣ, Вахш, Кушониён ва Тоҷикобод барномаи мазкур насб гардида, воридкунии маълумоти аввалия идома дорад.

Бояд қайд намуд, ки то соли 2022 бо ҷалби шарикони рушд марҳила ба марҳила ҷараёни бақайдгирии дафтари электронии баҳисобгирии хоҷагиҳо дар ҳамаи ҷамоатҳои деҳот ба роҳ монда мешавад.

Лозим ба қайд аст, ки ҷиҳати иҷрои татбиқи Стратегияи муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020 Барнома ва “Нақша чорабиниҳои Барномаи зиддикорупсионии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020” ба тасвиб расидааст, ки Агентии омор вобаста ба иҷрои бандҳои Нақша - чорабинии татбиқи Стратегияи мазкур барои солҳои 2015 - 2017 ҳисоботи ҷамъбастии соҳавиро сариваќт омода намуда, ба Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Шӯрои миллии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии назорати молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол намуд.

Илова ба ин дар давраи сипаригардидаи соли ҷорӣ тибқи нақшаи чорабиниҳои Барномаи зиддикорупсионии Агентии омор ва ҳамзамон вобаста ба пешгирии шомилшавии ҷавонон ба гурӯҳҳои ифротгарои бо ҷалби мутахассисони Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии назорати молиявӣ ва мубориза бо корупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кормандони дастгоҳи марказии Агентии омор ва Муассисаи давлатии Маркази кулли ҳисоббарории Агентӣ ҳамоиш баргузор карда шуд, ки дар ҳамоиши мазкур вобаста ба маҳфумҳои асосии пешгирии корупсия ва шомилшавии ҷавонон ба гурӯҳҳои ифротгароӣ сухбатҳои озоду кушод баргузор карда шуд.

Дар семоҳаи якуми соли 2018 вобаста ба иҷрои Нақшаи чорабиниҳо оид ба такмили баҳисобгирии оморӣ барои солҳои 2016-2021 аз ҷониби Агентии омор иҷрои як қатор корҳо таъмин гардиданд.

Дар ин давра моҳи марти соли ҷорӣ ҷаласаи навбатии гурӯҳи кории байниидоравӣ бо иштироки аъзоёни гурӯҳи корӣ намояндагони вазорату идораҳо баргузор гардид, ки тибқи рӯзномаи баргузории ҷаласаи мазкур масъалаҳои вобаста ба омодагӣ барои гузариш ба Системаи ҳисобҳои миллии семоҳа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва баррасии Таснифоти миллии ҳунарҳои мардумӣ, баҳисобгирии омории ҳунарҳои мардумӣ ва сайёҳӣ мавриди муҳокима қарор дода шуданд.

Бояд қайд намуд, ки аз рӯи стандарти Системаи ҳисобҳои миллӣ– 2008, аксари давлатҳои ҷаҳон Маҷмӯи маҳсулоти дохилиро аз рӯи истеҳсолот ва хароҷот ҳар семоҳа таҳия менамоянд. Бо мақсади дар сатҳи миллӣ ҷорӣ намудани стандарти мазкур шакли ҳисоботи омории 1 – фаъолияти истеҳсолӣ такмил дода шуд ва аз

семоҳаи аввали соли 2018 ҷамъоварии ҳисоботи мазкур тариқи электронӣ ба роҳ монда шуд.

Лозим ба қайд аст, ки гузариш ба Системаи ҳисобҳои миллии семоҳа якчанд солро дар бар мегирад. Аз ин лиҳоз соли 2018 ҳамчун таҷрибавӣ ҳисоб карда мешавад, то ин ки камбудиву норасоиҳо муайян гардида, ислоҳи худро ёбанд.

Инчунин дар кори ҷаласаи гуруҳи кории байниидоравӣ дар якҷоягӣ бо вазорату идораҳои дахлдор вобаста ба эълон гардидани соли 2018 "Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" лоиҳаи Таснифоти миллии ҳунарҳои мардумӣ мавриди муҳокима қарор гирифта, барои дар ҳисоботҳои оморӣ ва саволномаҳои таҳқиқотҳои интихобии оморӣ фаро гирифтани нишондиҳандаҳои мазкур фикру мулоҳиза ва пешниҳодҳои аъзоёни гуруҳи корӣ ба инобат гирифта шуда, таснифоти мазкур тасдиқ карда шуд.

Ҳамзамон Агентии омор дар самти мукамалгардонии ҳисоботҳои оморӣ корбарӣ намуда истодааст. Дар ин давра бо мақсади мукаммал гардонидани шаклҳои ҳисоботи оморӣ ба 16 шакли ҳисоботи тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд. Лозим ба қайд аст, ки дар давоми ду соли охир зиёда аз 10 шаклҳои ҳисоботи омории соҳаҳои савдо, хизматрасонӣ ва сохтмон ихтисор карда шуданд, ки ин ба кам гардидани сарбории ҳисоботсупорандагон боис гардидааст.

Бо амали ҷорӣ намудани ҳисоботҳои электронӣ сарфаи вақт ва қувваи кории кормандони мақомоти омор ба даст оварда шуда, муқоисакунии маълумот дар мақомоти андоз ва омор ва санҷиши саҳеҳи нишондиҳандаҳои оморӣ роҳандозӣ шуда истодааст.

Дар семоҳаи якуми соли соли 2018 аз ҷониби Агентии омор оид ба ҷараёни иҷрои бандҳои дахлдори Нақшаи чорабиниҳо оид ба такмили баҳисобгирии оморӣ барои солҳои 2016 - 2021, оид ба иҷрои бандҳои дахлдори қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Протоколҳои маҷлисҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маҷлисҳои Раёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон саривақт ҷавобҳои муфассал пешниҳод карда шуд.

Бояд қайд намуд, ки дар ин давра ба Агентии омор 141 қонуну - қарорҳо, 69 супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, 383 мактубҳои вазорату идораҳо, 83 мактубҳо аз мақомоти маҳаллии омор, 32 мактубҳо ба воситаи Ҳукумати электронӣ ва почтаи электронии Агентӣ ва 4 мурочиати шаҳрвандон бо таври хаттӣ

ворид шудаанд, ки мавриди корбарӣ қарор гирифта, сари вақт иҷро ва мувофиқи дархостҳо ҷавобҳои дахлдор фиристода шуданд.

Мавриди зикр аст, ки дар доираи Лоиҳаи "Татбиқи Стратегияи миллии рушди омор" такмили сомонаи Агентӣ дар робита ба қарори дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ гардид, ки аз моҳи майи соли 2018 мавриди истифода қарор дода мешавад.

Ҳамчунин омода намудани Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи омори давлатӣ", лоиҳаи Стратегияи миллии рушди омор барои солҳои 2018-2022 дар марҳилаи анҷомёбӣ қарор доранд, ки дар доираи Лоиҳаи "Татбиқи Стратегияи милли рушди омор" амалӣ шуда истодаанд.

Илова ба ин, бо мақсади ташаккули омори расмӣ дар асоси стандартҳои байналмилалӣ ташрифи коршиносон оид ба ҷорӣ намудани модели умумии раванди бизнес-протссесҳои оморӣ (GSBPM-5.0), таъсиси китобхонаи электронӣ, маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ, арзёбии фаъолияти ғайрирасмӣ дар соҳаи саноат, такмили таҳқиқоти соҳибкорони инфиродӣ дар соҳаи саноат амалӣ гардида, тибқи тавсияи коршиносон корҳо марҳила ба марҳила амалӣ шуда истодаанд.

Агентии омор тибқи Барномаи корҳои оморӣ ва нақшаҳои амалкунандаи мақомоти омори давлатӣ барои соли 2018 иҷроиши корҳои омориро вобаста ба омори нарху тарифа саривақт таъмин намуд. Дар маҷмуъ ташаккулёбии омори расмӣ оиди нарху тарифаҳо дар низоми миллии омори мамлакат чун дигар соҳаҳои омор дар асоси қонунгузории амалкунанда ва дигар санаду меъёрҳои танзимкунандаи соҳаи омори давлатӣ амалӣ мегардад.

Агентии омор ба иҷроиши корҳои омории нарху тарифаҳо, аз ҷумла бо даврияти ҳар моҳа ҳисобу таҳлил кардан ва омода намудани индекси нархҳои истеъмолӣ, индекси нархҳои истеҳсолкунандагони маҳсулоти саноатӣ, индекси нархҳои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ва индекси нархи хариди масолеҳи бинокорӣ нигаронида шудааст, ки мунтазам ба нашр расонида мешаванд.

Дар давраи сипаришуда иҷроиши корҳои оморӣ оиди нарх тибқи нақша пурра ва саривақт таъмин карда шудааст. Дар ин муддат ба дархостҳои аз ҷониби истифодабарандагони дахлдор воридгардида махсусан оид ба сатҳи таваррум ва нархи маҳсулотҳои алоҳида ҷавобҳои хаттӣ ирсол гардиданд.

Нархҳои маҳсулоти озуқаворӣ, ғайриозуқа ва хизматрасонӣ ҳар моҳ аз тарафи мақомотҳои омори вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо дастрас

карда шуда, мавриди коркард қарор гирифта, нархи миёнаи ҳар як намуди маҳсулот дар сатҳи ҷумҳурӣ ва индекси маҳсулотҳои озуқаворӣ, ғайриозуқаворӣ ва хизматрасонӣ ҳисоб карда шуда, ба истифодабарандагони маълумотҳои оморӣ пешниҳод гардидааст.

Мунтазам ҳар моҳ нархи миёнаи молу маҳсулотҳо ба таври электронӣ пур карда шуда дар сомонаи расмии мақомоти омор бо се забон ҷойгир карда мешавад, ки ҳамаи истифодабарандагони маълумотҳои оморӣ бе ягон монеа аз маводи мазкур истифода мебаранд.

Ҳамзамон ҳар ҳафта маълумотнома оиди нархҳои маҳсулотҳои асосӣ (зиёда аз 25 намуди маҳсулот) дар микёси шаҳру ноҳияҳои алоҳидаи мамлакат (дар 22 шаҳру ноҳия) таҳия ва ба доираи муайяни истифодабарандагон пешниҳод карда мешавад. Ин маълумотҳо низ мунтазам дар сомонаи расмии Агентӣ ҷойгир карда мешаванд.

Дар самти ҳамкориҳои байнидавлатии оморӣ дар ин муддат корҳо бо Кумитаи омори байнидавлатии давлатҳои ИДМ идома пайдо карда ҳамаи маълумотҳои дахлдори моҳона ва семоҳа оиди соҳаҳои ичтимоию иктисодӣ саривакт пешниҳод гардиданд.

Инчунин ба Кумитаи омори ИДМ тибқи «Тавсияҳои методологӣ оиди ҳисоби индекси нархҳои истеъмолии гармонизатсияшуда дар асоси таҷрибаи мақомоти миллии давлатҳои аъзои ИДМ» дар асоси вазнҳои мавҷуда барои ҳисоби индекси нархҳои истеъмолӣ барои соли 2018 вазнҳои нав ҳисоб ва ирсол карда шуданд.

Ҳамзамон ҳар моҳ барои омодасозии шарҳи нишондиҳандаҳои макроиқтисодии индекси нархҳои истеъмолӣ «таваррум дар бахши истеъмолӣ», аз мақомоти омори давлатҳои ИДМ, аз ҷумла аз мақомоти омори Қазоқистон ва Қирғизистон оиди сатҳи таваррум маълумот дастрас карда мешавад ва маълумот оиди сатҳи таваррум дар Тоҷикистон низ ба онҳо ирсол мегардад.

Дар моҳҳои январ-марти соли ҷорӣ бақайдгирии нархи молу маҳсулот ва хизматрасониҳо дар доираи иҷроиши корҳои Барномаи муқоисакуниҳои байналмилалӣ амалӣ шуданд, ки дар доираи ин кор аз ҷониби мутахассисони Кумитаи байнидавлатии омори ИДМ ҷадвалҳои электронӣ таҳия ва барои воридкунии маълумотҳо пешниҳод шуд.

Дар самти модернизатсиякунонии пешбурди маълумотҳои ҳафтаинаи нарх, ки дар доираи Лоиҳаи Бонки Умумиҷаҳонӣ аз ҷониби Муассисаи давлатии «Рушди соҳибкорӣ дар соҳаи

кишоварзӣ» амалӣ карда мешавад корҳо дар самти раванди ҷамъоварӣ, коркард ва пешниҳоди маълумотҳои нархҳои ҳафтаина идома доранд ва харидории таҷҳизотҳо ба анҷом расонида шуд, ки ҷиҳати амалинамоии механизми паҳнкунии маълумотҳо тавассути SMS-паёмакҳо ба истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ дар назар дошта шудааст. Идомадиҳии корҳо дар ин самт бо консортсиуми ташкилотҳои Зеркало ва Нексигол-мушовир идома доранд. Айни замон аз ҷониби мутахассисони ташкилотҳои мазкур, омӯзиш ва аниқнамоии талаботи истеҳолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ба нархи намудҳои маҳсулот, даврияти гирифтани маълумоти нархӣ ва омодагии онҳо ба пардохти арзиши маълумоти нархӣ мавриди амал қарор дода шуда истодааст. Инчунин лоиҳаи Қарордод миёни истифодабарандагони маълумоти нархҳои ҳафтаина ва Агентии омор таҳия гардидааст ва дар баррасӣ қарор дорад.

Тибқи нақша дар охири моҳи апрели соли ҷорӣ гузаронидани семинар бо шариконн дахлдор оиди ҷамъоварӣ, коркард ва паҳннамоии маълумоти нархҳои ҳафтаина ба нақша гирифта шудааст.

Ҳамзамон лозими ба қайд аст, ки дар ин давра ташрифи коршиноси Лоиҳаи татбиқи рушди омори миллӣ Горячева Ирина Павловна ба мақомоти омори Тоҷикистон амалӣ гардид. Тибқи тавсияи коршинос иҷроиши корҳо дар самти такмили методологияи ҳисоби индекси нархҳои истеъмолӣ ва индекси нарх дар сохтмон идома дорад. Лоиҳаи методологияи индекси нархи истеҳсолкунандагони маҳсулоти саноатӣ таҳия гардида Шакли ҳисоботии №1-«нархи истеҳсолкунандагони маҳсулоти саноатӣ» тибқи тавсияи коршинос такмил дода шуд.

Ҷиҳати таъминнамоии эътимоднокии маълумоти омории нарху тарифаҳо мунтазам бо масъулони мақомоти маҳаллии омори вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо мулоқотҳо анҷом дода шуда риояи методологияи мавҷуда ва дурустии маълумотҳо таъкид карда шуда истодааст.

Бояд қайд намуд, ки ба ҳолати 1 апрели соли 2018 шумораи субъектҳои бақайд гирифташуда 543,2 ҳазор ададро ташкил намуд, аз он ҷумла дар «Равзанаи ягона» 536,8 ҳазор ададро ташкил кард, ки аз онҳо 496,3 ҳазор адад ҳамчун соҳибкори инфиродӣ бақайд гирифта шудаанд. Дар ҳамин давра 231,1 ҳазор субъекти хоҷагидор

барҳам дода шуд, ки аз онҳо 221,8 ҳазор адад соҳибкорони инфиродӣ мебошанд. Айни замон 312,1 ҳазор субъекти хоҷагидори фаъолияткунанда бақайд гирифта шудааст, аз он ҷумла дар «Равзанаи ягона» 305,7 ҳазор адад ба қайд гирифта шудааст. Аз шумораи умумии фаъолияткунандагон 30,8 ҳазор шахсони ҳуқуқӣ, 362 филиал – намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ ва 274,5 ҳазор адад соҳибкорони инфиродӣ мебошанд.

Дар семоҳаи якуми соли 2018 тибқи Барномаи корҳои оморӣ 7 маҷмӯаи оморӣ, 57 бюлетени оморӣ, 6 маълумот, 11 иттилооти таъҷилӣ ва 22 гузоришҳои оморӣ омода ва нашр карда шуданд.

Инчунин Агентии омор дар давраи сипаригардидаи соли ҷорӣ бо шарикони рушд - донорҳо мулоқоти корӣ баргузор намуд, ки дар кори мулоқоти мазкур роҳбарияти Агентии омор, МД «Маркази кулли ҳисоббарорӣ», намояндагони: Бонки умумиҷаҳонӣ, намояндаи Иттиҳоди Аврупо дар Тоҷикистон, коршиноси Консортсиуми ДевСтат, Барномаи умумиҷаҳонии озуқаворӣ, Ташкилоти озуқа ва кишоварзии СММ, Хазинаи кудакони СММ, Барномаи рушди СММ, Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ, Агентии ҳамкориҳои байналмилалии Ҷопон, Намояндагии хазинаи нуфуси СММ дар Тоҷикистон, Бонки осиёии рушд, Агентии ҳамкории байналмилалии ИМА, Бонки аврупоии таҷдид ва рушд, Фонди Оғо Хон, Хазинаи байналмилалии Асъор, намояндагони вазорату идораҳо, сардорони раёсатҳои Агентии омор ва гурӯҳи татбиқи лоиҳаи Рушди омори миллӣ дар назди Агентии омор ширкат варзиданд.

Дар мулоқоти мазкур масъалаҳои вобаста ба чорабиниҳои дар доираи лоиҳаи «Татбиқи Стратегияи миллии рушди омор амалигардида натиҷагирӣ карда шуд, ҳамзамон муарифии лоиҳаи Стратегияи миллии минбаъдаи рушди омор барои солҳои 2018-2022 , вазъи ҷорӣ технологияҳои иттилоотӣ дар мақомоти омори давлатӣ ва талаботи соҳа ва дигар масъалаҳои зарури мавриди баррасӣ ва муҳокимарониҳо қарор дода шуданд.

Вобаста ба масъалаҳои мавриди муаррифӣ ва баррасӣ қарор додашуда Роҳбари Бонки умумиҷаҳонӣ дар Тоҷикистон ҷаноби Ян Петер баромад намуда, зикр кард, ки бе нишондиҳандаҳои аниқи оморӣ таҳлили фаъолияти ин ё он соҳа ғайриимкон аст. Дар ин ҷода Бонки умумиҷаҳонӣ бо Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкории зичро ба роҳ монда, азм дорад, ки барои дохил намудани масъалаҳои рушди низоми омор ба

барномаи минбаъда ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод манзур намояд.

Мавриди қайд аст, ки Агентии омор вобаста ба корҳои омодагии раунди навбатии барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили соли 2020 як қатор корҳои муайянеро иҷро намуда истодааст.

Тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Комиссияи давлатии мусоидат ва қоидаҳои гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020” ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи барӯйхатгирии санҷишии аҳолӣ ва фонди манзил дар соли 2018” қарорҳои дахлдори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо қабул карда шуд.

Илова ба ин аз ҷониби мутахасисони раёсати барӯйхатгирии аҳолӣ ба мақомотҳои омори вилояти МКБ, вилоятҳои Суғд ва Хатлон сафарҳои хизматӣ анҷом дода шуд, ки дар ин раванд корҳои тайёрӣ ва гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили соли 2020 мавриди натиҷагирӣ қарор гирифта, барои бартарафсозии камбудиву норасоиҳо дастуру тавсияҳо манзур гардид. Ҳамзамон бо дастгирии молиявии Хазинаи Нуфуси Созмони Милали Муттаҳид дар шаҳри Норак ва минтақаҳои Кӯлоб ва Бохтари вилояти Хатлон, шаҳри Хоруғи ВМКБ, шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд, шаҳри Душанбе ва минтақаҳои Ҳисор ва Рашти ноҳияҳои тобеи марказ корҳои дастурдиҳии омӯзишӣ «Дар бораи рафти корҳои тайёрӣ ва гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил дар соли 2020» гузаронида шуд.

Илова ба ин вобаста ба рафти корҳои тайёрӣ ва гузаронидани барӯйхатгирии санҷишии аҳолӣ ва фонди манзил аз ҷониби мутахассисон ба бахши омори шаҳри Норак ёрии амалӣ расонида шуд.

Дар семоҳаи якуми соли 2018 тибқи нақшаи кории тасдиқ кардашудаи Агентӣ барои санҷиш, расонидани ёрии амалӣ ба мақомоти маҳаллии омор ва иштирок дар семинар – машваратҳо, омӯхтани таҷрибаи корӣ ба хориҷи дуру наздик дар маҷмуъ 207 нафар **(берун аз ҷумҳурӣ 16 нафар ва дохилӣ 191 нафар)** кормандони мақомоти омор сафари хизматӣ доштанд, ки аз ин нишондиҳанда 119 нафар **(берун аз ҷумҳурӣ 12 нафар ва дохилӣ 107 нафар)** кормандони Дастгоҳи марказӣ ва 88 нафар **(берун аз ҷумҳурӣ 4 нафар ва дохилӣ 84 нафар)** кормандони Муассисаи давлатии «Маркази кулли ҳисоббарорӣ» мебошанд.

Натиҷаи сафарҳои хизматӣ дар ҷаласаҳои Шӯрои методологии Агентӣ мавриди муҳокима ва баррасӣ қарор гирифта истодаанд.

Дар семоҳаи якуми соли 2018 аз ҷониби раҳбарияти мақомоти маҳаллии омор, тибқи талаботи моддаи 515 кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба 294 нафар шахсони масъули ҳисоботсупорандагони оморӣ ба маблағи 99,3 ҳазор сомонӣ ҷаримаи маъмурӣ таъин карда шудааст, ки аз ин маблағ ба буҷаи давлат 84,0 ҳазор сомонӣ ворид шудааст, ки 84,6 фоизи маблағи умумии ҷаримаи таъинкардашударо ташкил медиҳад.

Аз ин рӯ, роҳбарони мақомоти маҳалии омор бояд чораҳо андешанд, ки ҷаримаи басташуда дар мӯҳлатҳои муайянгардида ба буҷаи давлатӣ пардохт карда шаванд. Дар сурати пардохт нашудани маблағҳои ҷаримаи таъиннамуда ба мақомоти салоҳиятдори маҳалҳояшон муроҷиат намуда, дар ин самт ҳамкории зичро ба роҳ монанд.

Дар семоҳаи якуми соли 2018 дар Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ ва аттестатсияи хизматчиёни давлатӣ гузаронида шуданд.

Дар маҷмуъ 1 маротиба озмуни ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ барои ишғоли 20 ҷойи холӣ баргузор гардид. Дар озмун 18 нафар довталабон иштирок намуданд. Дар натиҷаи озмунҳои баргузоргардида 16 нафар ба мансабҳои маъмурии хизмати давлатӣ, ки аз ин ҳисоб 10 нафарашон дар дастгоҳи марказии Сарраёсат ва 6 нафар дар мақомоти омори маҳаллӣ таъин карда шудаанд. Инчунин дар давраи сипаригардидаи соли ҷорӣ дар Сарраёсати Агентии омори вилояти Хатлон аттестатсияи хизматчиёни давлатии маъмурии хизмати давлатӣ низ гузаронида шуд, ки дар он 21 нафар иштирок намуда, аз онҳо 17 нафар ба мансаби ишғолнамудаашон мувофиқ шуморида шуда, 4 нафари дигарашон ба аттестатсияи такрорӣ мононда шуданд.

Дар Сарраёсати Агентии омори шаҳри Душанбе барои ишғоли 2 ҷойи холӣ озмуни ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ баргузор карда шуд, ки дар озмун 3 нафар довталаб иштирок намуда, аз натиҷаи озмун 1 нафар ба мансаби маъмурии роҳбарикунандаи хизмати давлатӣ таъин гардид.

Дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ шумораи умумии кормандон аз рӯи басти вазифаҳо 49 нафарро ташкил медиҳад, ки аз он 3 ҷойи холӣ буда, айни замон 46 нафар хизматчиёни давлатӣ дар мақомоти омори шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ фаъолият доранд.

Дар Сарраёсати Агентии омори ВМКБ 36 нафар аз рӯи басти вазифаҳо фаъолият дошта, ҷойи холӣ мавҷуд нест. Дар Сарраёсати Агентии омори вилояти Суғд аз 145 ҷой, ки тибқи басти вазифаҳо тасдиқ шудааст, 137 нафар фаъолият дошта, 8 ҷойи холӣ, дар Сарраёсати Агентии омори вилояти Хатлон 166 ҷой, 156 нафар фаъолият дошта, 10 ҷойи холӣ, дар Сарраёсати Агентии омори шаҳри Душанбе аз 53 нафар 51 нафар фаъолият дошта, 2 ҷойи холӣ мавҷуд мебошад.

Дар муҳлати сипаришуда дар Агентӣ ва мақомоти омори маҳалӣ 527 нафар, ки аз рӯи рӯйхати басти вазифаҳо тасдиқ гардидааст, 503 нафар хизматчии давлатӣ кору фаъолият карда истодаанд. Аз онҳо 140 нафарашон мансабҳои роҳбарикунанда мебошанд. Айни ҳол дар Агентӣ 1 ҷойи холӣ дар маҷмӯъ дар мақомоти омор 24 ҷойи холӣ мавҷуд аст.

Дар давраи сипаришуда номзадии 3 нафар барои таҳсил дар магистратураи донишгоҳҳои Индонезия тавсия карда шуданд.

Дар давраи сипаришуда аз Саридораи ҳифзи сирри давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозатнома (TOKEN) гирифта шуда, 40 фоиз маълумот аллакай ворид карда шудааст ва кор бо махзани маълумот дар шакли электронӣ идома дорад. Ин Барномаи электронӣ бо Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваст буда, дар оянда дар назар дошта шудааст, ки ҳамаи маълумот ва ҳисоботи кадрӣ бо ин барнома анҷом дода мешаванд.

Ба ҳолати 4 апрели соли 2018 ҳисоботи шакли 1–ХД (Хизматчии давлатӣ) барои семоҳаи якуми соли 2018 ҷамъбаст карда шуда, ба Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли хаттӣ ва электронӣ пешниҳод карда шуд.

Боиси хурсандӣ ва дастгирии ҳамаҷониба аст, ки кормандони Агентӣ барои баланд бардоштани сатҳи дониш ва дараҷаи таҳсилот мунтазам кӯшиш менамоянд ва шумораи таҳсилоти олӣ дошта сол аз сол меафзояд ва айни замон 13 нафар хизматчиёни давлатӣ дорои 2 таҳсилоти олӣ, аз ҷумла 5 нафар хатмкардагони магистратура мебошанд.

Кормандони Агентӣ, хусусан ҷавонон мунтазам барои таҷрибаомӯзӣ ва табодули назар дар ҷаласа ва семинарҳои омӯзишии соҳаи омор дар ИДМ ва дигар давлатҳои пешрафтаи дунё аз ҷумла шаҳри Остонаи Ҷумҳурии Қазоқистон, шаҳри Женеваи Конфедератсияи Швейтсария, шаҳри Венаи Австрия,

шаҳри Тифлиси Ҷумҳурии Гурҷистон ва шаҳри Одессаи Ҷумҳурии Украина иштирок намуданд.

Дар муҳлати сипаришуда бо мақсади ба низом даровардани тарзи либоспӯшии хизматчиёни давлатии мақомоти омор Фармоиши №40 аз 15 феврали соли 2018 оид ба "Тартиби либосҳои тавсиявии кормандони Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва зерсохторҳои он" ба тасвиб расида, ҷиҳати иҷроиш ва татбиқи талаботи тартиби мазкур мунтазам чораҳои амалӣ дида мешаванд. Илова ба ин, ҷиҳати риоя намудани интизоми меҳнат, роҳ надодан ба пушидани либосҳои ғайри низоми хизмати давлатӣ, сарфакорӣ дар оростани дастархони идона, баргузор намудани ҷамъомадҳо дар дастгоҳи марказӣ ва мақомоти омори маҳаллӣ дастуру супоришҳо дода шуда, ҷиҳати дар амал татбиқ намудани талаботҳои Кодекси одоби хизматчии давлатӣ, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизмати давлатӣ", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими расму оин ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" назорати қатъӣ бурда мешавад. Инчунин, тибқи иҷрои барқияи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 феврали соли 2018 №24/10-6 рӯзҳои шанбеи ҳар ҳафта шанбегӣ гузаронида шуда, аз натиҷааш ба Ҳукумати ҷумҳурӣ ҳисобот ирсол карда мешавад.

Лозим ба қайд аст, ки дар давоми семоҳаи сипаригардида бахшида ба таҷлили ҷашни байналмилалии Наврӯз дар Агентии омор бо риояи суннату оинҳои наврӯзӣ базми наврӯзӣ барпо гардид.

Инчунин вобаста ба эълон гардидани соли 2018 ҳамчун "Соли сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" аз ҷониби Агентии омор нақшаи чорабиниҳо таҳия гардид. Бо мақсади тарғибу ташвиқи тарзи ҳаёти солим, одоби муоширát, риояи арзишҳои миллӣ ва умумии башарӣ, дар руҳияи ватандустиву хештаншиносӣ тарбия намудани ҷавонон дар назди Агентӣ дастаи воллейболбозон аз ҳисоби занон ташкил карда шуд, ки дар натиҷаи иштирок дар мусобиқаи воллейбол бо мақомоти давлатӣ дастаи омор ҷойи намоёнро ишғол намуд. Ба муносибати ҷашни Наврӯз бозиҳои варзишӣ аз қабили футболи хурд, воллейбол, тенниси рӯи миз, шашка ва шоҳмот гузаронида шуда, ғолибон дар таҷлили Иди Наврӯз бо ифтихорномаҳо сарфароз гардонда шуданд.

Агентии омор ҷиҳати идома додан ва корҳои лоиҳакашии сохтани иншоотҳои мақомоти маҳаллии омор, барои Сарраёсати Агентии омор дар шаҳри Бохтари вилояти Хатлон ва Раёсати Агентии омор дар шаҳри Турсунзода дар доираи маблағҳои

мутамарказ дар соли 2017 ва 2018 пешбинигардида, иҷрои як қатор корҳоро ба анҷом расонид ва амалигардонии корҳои пешбинишуда тибқи нақша идома дорад.

Лозим ба қайд аст, ки дар Барномаи корҳои оморӣ барои соли 2018 иҷрои беш аз 10- ҳазор корҳои оморӣ пешбинӣ гардидааст, ки дар ин росто 334 - шаклҳои ҳисоботҳои оморӣ аз ҷумла 71 - ҳисоботи моҳона, 57 ҳисоботи семоҳа, 39 ҳисоботи нимсола, 167 ҳисоботи солона ва 13 таҳқиқотҳои интихобии оморӣ вобаста ба давриятҳо ҷамъоварӣ ва коркард карда мешаванд.

Инчунин дар Барномаи корҳои оморӣ барои соли 2018 -ум 7 - шаклҳои нави ҳисоботҳои омори соҳавӣ илова гардидаанд аз ҷумла: ҳисоботи омории байниидоравии "Дар бораи касбомӯзӣ дар марказҳои касбомӯзии Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон", ҳисоботи оморӣ «Дар бораи хизматрасонии иҷтимоӣ ба собиқадорони ҷангу меҳнат, пиронсолон ва маъюбон», ҳисобот «Дар бораи Диаспораҳо (Ҷамъиятҳо)-и тоҷикон дар дигар давлатҳо», ҳисобот «Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» ва ҳисобот «Дар бораи захираи маҳсулоти кишоварзӣ ва маводи тайёри озуқа» аз ҷумлаи ҳисоботҳои иловагардида мебошанд.

Қайд кардан зарур аст, ки новобаста аз корҳои иҷрошуда, дар фаъолияти мақомоти омор, ҳанӯз ҳам камбудиву мушкилиҳо ҷой доранд.

Аз рӯи натиҷаи таҳлили фаъолияти кории мақомоти омор дар сатҳи минтақаҳо бори дигар маълум мегардад, ки барои таъмини сифати маълумоти оморӣ, аҳамияти аввалиндараҷа ба ҳисоботи аввалия, ки аз сатҳи ҷамоати шаҳраку деҳот бармеояд, зоҳир карда шавад.

Бояд зикр намуд, ки ҳиссаи бахши хусусӣ дар Маҷмӯи Маҳсулоти Дохилӣ ба 70,0 фоиз расидааст ва ин нишондиҳанда сол аз сол ру ба афзоиш ниҳода истодааст. Бо мақсади таъмини сифати иттилооти оморӣ дар бораи фаъолияти соҳибкорони инфиродӣ зарур аст, ки аз ҷониби мақомоти маҳаллии омор дар вақти гузаронидани таҳқиқотҳои интихобии оморӣ таваҷҷӯҳи бештар зоҳир намуда, эътимоднок ҷамъбаст намудани нишондиҳандаҳои омориро таъмин намоянд.

Иҷрои супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, қарору Фармонҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гарави пешравиҳо буда, дар соли 2017 корҳои банақшагирифташуда, саривақт иҷро карда шуданд.

Бо мақсади амалӣ намудани чорабиниҳо вобаста ба иҷрои Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2017, мақомоти омор вазифадор шудааст, ки шаклҳои пешниҳоди ҳисоботи оморӣ ва механизми ҷамъоварии маълумоти омориро мукаммал гардонад.

Маврид ба зикр аст, ки соли 2018-ум соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ дар ҷумҳурӣ эълон карда шуд. Бо ин мақсад мақомоти омори маҳаллӣ вазифадор мегардад, ки фарогирии ҳисоботҳои омории шакли 2 сайёҳат «Ҳисобот дар бораи фаъолияти ташкилоту ширкатҳои сайёҳӣ» ва шакли 1- меҳмонхона «Ҳисобот дар бораи фаъолияти меҳмонхонаҳо» пурзур намоянд.

**Бо мақсади иҷрои Барномаи корҳои оморӣ дар соли 2018, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили санҷишӣ дар соли 2018” ва “Дар бораи чораҳои иловагӣ оид ба тайёрӣ ва гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020” ва дастуру супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Агентии омор, Муассисаи давлатии “Маркази кулли ҳисоббарорӣ”-и Агентӣ ва мақомоти маҳаллии омор вазифадор карда мешаванд, ки дар доираи салоҳият ва ваколатҳои ба мақомоти омор гузошташуда масъалаҳои дар боло зикргардидаро сариваќт мавриди амал қарор диҳанд.**

Иҷрои супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарору фармонҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гарави пешравиҳо буда, дар моҳҳои минбаъдаи соли 2018 дар назди мақомоти омор иҷрои чунин вазифаҳо гузошта мешаванд:

1. Иҷрои ҳатмии барномаи корҳои оморӣ дар соли 2018;
2. Таъмини иҷрои ҳатмии дастуру супоришҳои дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2017 ироа гардида;
3. Вусъат додани корҳои омодагии барӯйхатгирии санҷишии аҳолӣ ва фонди манзил, истифодаи захираҳои меҳнатии ҷалбшаванда дар ин самт, тақвият додани ҳамкориҳои судманд бо вазорату идораҳои дахлдор вобаста ба барӯйхатгирии аҳолӣ, ҷалби шарикони рушд барои гузаронидани барӯйхатгирии аҳолии санҷишӣ;

4. Пурзур намудани кор дар самти иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъалаҳои комиссияи давлатии мусоидати барӯйхатгирии аҳолӣ”;
5. Таъмини саривақтии иҷрои бандҳои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи чораҳои иловагӣ оид ба гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020”;
6. Иҷрои саривақтии бандҳои дахлдори нақша-чорабиниҳо оид ба такмили баҳисобгирии оморӣ дар соҳаҳои иқтисодиёт;
7. Босифат ва дар муҳлати пешбинигардида ҷамъбаст намудани чорабиниҳои Лоиҳаи “Татбиқи Стратегияи миллии рушди омор” то 1 июли соли 2018;
8. Иҷрои босифати қарори дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи омода намудани соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ба тирамоҳу зимистони солҳои 2018/2019”
9. Дар сатҳи зарурӣ ҷамъбаст ва таҳия намудани натиҷаҳои таҳқиқотҳои интихобии “Тиббӣ-демографии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва “Тавозуни сузишворию-энергетикӣ”;
10. Вусъат додани фаъолияти гурӯҳҳои корӣ оид ба пайгирии нишондиҳандаҳои Ҳадафҳои Рушди Устувор (таҳияи хазинаи маълумотҳо ва метамаълумотҳо, таҳияи лоиҳаи Стратегияи миллии рушди омор барои солҳои 2018-2022, зина ба зина, ҷорӣ намудани модели умумии бизнес-равандҳои оморӣ тафсири 5,0;
11. Якҷоя бо вазорату идораҳои дахлдор пурзӯр намудани корҳо дар самти ташаккули омори расмӣ дар ҳамаи соҳаҳо тибқи Таснифоти миллии маҳсулот ва хизматрасонӣ ва тафсири дуюми Таснифоти намуди фаъолияти иқтисодӣ, омодагӣ ба гузариш ба стандартҳои махсуси паҳнкунии иттилоот;
12. Вусъат додани корҳо дар самти ҷалби сармояи хориҷӣ барои татбиқи Стратегияи миллии рушди омор барои солҳои 2018-2022;
13. Гузаронидани санҷиши эътимоднокии маълумоти оморӣ аз рӯи таъмини ҳуҷатгузориҳои аввалияи корхонаву ташкилотҳо мутобиқи нақшаи тасдиқшудаи мақомоти омори маҳаллӣ;
14. Вусъат бахшидани корҳо дар самти зина ба зина ҷорӣ намудани коркарди ҳисоботи оморӣ бо истифода аз барномаҳои электронии махсуси таъминотӣ ва гузариш ба ҳисоботҳои омории электронӣ;
15. Иҷрои чорабиниҳои Стратегияи миллии муқовимат ба коррупсия барои солҳои 2013-2020 ва Нақша - чорабиниҳо оид ба такмили баҳисобгирии оморӣ барои солҳои 2016-2021;

16. Беҳтар намудани сифат, шаффофияти ҷамъоварӣ ва таҳлили иттилооти оморӣ мутобиқи стандартҳои омори байналмилалӣ ва мукамалсозии механизми ҷамъоварии маълумоти оморӣ ва шаклҳои ҳисоботҳои оморӣ;
17. Таҳияи лоиҳаи Барномаи корҳои оморӣ барои соли 2019;
18. Мустаҳкам намудани интизоми меҳнат мутобиқи низомномаҳои хизмати давлатӣ ва дохилӣ;
19. Таъмини иҷрои саривақтии дастуру супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақша чорабиниҳои тасдиқгардида.